HZTTRMY
HOZIRGI ZAMON TA'LIM-TARBIYA TIZIMINI
RIVOJLANTIRISH: MUAMMO VA YECHIMLAR"
XALQARO ILMIY-AMALIY KONFERENSIYA
DENOV, 10-OKTABR 2025 YIL
in-academy.uz

# МУҲИТИ ЗИСТ ВА МАСЪУЛИЯТИ ИНСОН

**Раҳмонқулова Дилфуза Фахриддин қизӣ**
**Абдуҳалимова Фархунда Сухробовна**
Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи
Деҳнав факултети Педагогика донишҷӯи
соли 2-юми гурӯҳи 108-БТ-24 тоҷик
Email:dilfuzajon9@gmail.com
+998936604899
https://doi.org/ 10.5281/zenodo.17333181

**Анотатсия:** Мақолаи мазкур ба мавзӯи Муҳити зист-неъмати бебаҳоест, ки зиндагии инсон ва тамоми мавҷудоти зиндаро таъмин мекунад. Табиати зебо, ҳавои тоза, оби ошомиданӣ ва замини ҳосилхез аз омилҳое мебошанд, ки бидуни онҳо ҳаёт номумкин аст. Аммо имрӯз бо сабаби фаъолияти нодурусти инсон, муҳити зист зери хатар қарор дорад. Масъулияти ҳар як шаҳрванд дар ҳифзи табиат ниҳоят муҳим аст.

**Калидвожаҳо:** муҳити зист, ифлосшавӣ, табиат, ҳаво, об, замин, масъулияти инсон, ҳифз, экология, захираҳои табиӣ, тозагӣ, ояндаи ҷомеа.

**Аннотация:** Данная статья посвящена теме окружающей среды — бесценного богатства, обеспечивающего жизнь человека и всех живых существ. Красивая природа, чистый воздух, прозрачная вода и плодородная земля — это факторы, без которых жизнь невозможна. Однако сегодня из-за деятельности человека и его ошибок окружающая среда находится под угрозой. Ответственность каждогогражданина за охрану природы имеет огромное значение.

**Ключевые слова:** окружающая среда, загрязнение, природа, воздух, вода, земля, ответственность человека, охрана, экология природны ресурсы, чистота, будущее общества.

**Annotatsion:** The environment is a priceless gift that provides human life to all living beings. Beautiful nature, clean air, drinking water, and fertile land are among the factors without which life is impossible. However, today, due to improper human activities, the environment is under threat. The responsibility of every citizen in protecting nature is extremely important.

**Keywords:** environment, pollution, nature, air, water, land, human responsibility, protection, ecology, natural resources, cleanliness, future of society.

Муҳити зист сарчашмаи ҳаёт ва асоси зиндагии мо, инсонҳо мебошад. Ҳавои тоза, оби ошомиданӣ, замини ҳосилхез, набототу ҳайвонот - ҳамаи ин беҳтарин неъматҳоеанд, ки табиат ба мо ато кардааст. Бе онҳо инсон наметавонад зиндагӣ кунад.Аммо, мутаассифона, имрӯз бо сабаби фаъолияти беандешонаи инсон муҳити зист зери хатар мондааст. Корхонаҳои саноатӣ бо партовҳои худ ҳаворо ифлос мекунанд, буридани ҷангалҳо сабаби кам шудани наботот ва ҳайвонот мегардад, партовҳои маишӣ ва сӯзишвории нақлиёт ба ифлосшавии обу ҳаво меоранд. Ин ҳама на танҳо ба табиат, балки ба саломатии худи инсон низ зарар мерасонад.Аз ин рӯ, ҳар як шахс бояд дарк намояд, ки ҳифзи муҳити зист танҳо вазифаи давлат нест, балки масъулияти умумии ҷомеа мебошад. Агар ҳар яки мо қадамҳои хурд гузорем –масалан, обро сарфакорона

истифода барем, партовҳоро ба замин напартоем, дарахт шинонем ва атрофро тоза нигоҳ дорем - муҳити зисти мо зебо ва солим мемонад. Муҳити зистро ҳифз кардан, яъне ояндаи насли худро ҳифз кардан аст. Табиат хонаи умумии ҳамаи мо мебошад. Пас, биёед онро дӯст дорем, эҳтиёт кунем ва масъулияти худро нисбат ба муҳити зист иҷро намоем. Ғамхорӣба муҳитизист яктанҳо вазифаибашардӯстона нест балки омилии муҳим барои рушди устувори миллат ҳост. Дар ҳамаи кишварҳо масъалаи ҳифзи табиат ва сарфакории манобеъ табиӣ дар барномаи давлатӣ ҷой хоси худро доранд. Зеро бе муҳитизисти солимиқтисод низ пешрафта наметавонад ва зиндагии инсонҳо ба мушкил рӯ ба рӯ мегардад.Масалан, кишоварзӣбеоби тоза имконнопазир аст,саноат беэнергияваманобеи замин рушд карда наметавонад,илм бе таҳқиқотҳои экологӣ ба натиҷаҳои зарурӣ намерасад.Аз ин рӯ муҳитизистро метавон асоси тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа номид.

Ҳамзамон, фарҳанги экологӣ аз овони кӯдакӣ бояд ба кӯдакон омӯзонда шавад. Мактабҳо,коллеҷҳо ва донишгоҳҳо метавонанд дар ташаккули дунёбинии дуруст нақши калон бозанд.Агар ҷавонон дарк кунанд,ки нигоҳдории муҳитизист ба ояндаи онҳо вобастааст,онгоҳ масъулияти худро ҷиддӣ иҷро хоҳанд кард. Имрӯз ҷаҳон ба ҳамкории байналмилалӣ низ ниёз дорад,чунки ифлосшавии ҳаво,гармшавии иқлим,камшавии ҷангалҳова обҳои ширин мушкилоти як давлат нест,балки мушкили умумии башарият аст. Бинобар ин,ҳамкории кишварҳо дар соҳаиэкология,қонунгузорӣ ва истифодаи технологияҳои тоза метавонад роҳи ҳалли бисёре аз ин мушкилот гардад. Ҳифзи муҳити зист на танҳо маънои тоза нигоҳ доштани кӯча ва деҳаро дорад,балки дар худ тамоми муносибати инсон бо табиатро фаро мегирад.Инсон бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад,ки вай қисми муҳити зист аст ва наметавонад аз он ҷудо зиндагӣ кунад.

Аз ҳамин мулоҳизаҳо бармеояд ки ҳифзи муҳити зист на танҳо як вазифаи барои як гурӯҳи муайян,балки масъулияти муташраки тамоми ҷомеа мебошад.Ҳар як шахс бояд дарк кунадки ҳар амали хурд ҳам метавонад таъсири бузург дошта бошад. Масалан, коркард кардани партовҳо, шинондани дарахт, сарфакорӣ обу барқ ва нигоҳдории тозагӣ қадамҳои хурдест, аммо натиҷаҳои бузург медиҳанд. Инсон вақте муҳитро эҳтиёт мекунад,ӯ дар асл зиндагии худро,саломатии фарзандонаш ва ояндаи ҷомеаро ҳифз менамояд.Бинобар ин моро зарур астки ба табиат мисли хонаи умумии инсоният нигоҳ кунем,ба он ғамхорӣ кунем ва барои зебоиву покии он ҳамеша талош намоем.Муҳити зист сарчашмаи ҳаёт аст. Агар инсон табиатро ҳифз накунад, худи зиндагии ӯ зери хатар мемонад. Барои ҳамин ҳар як шахс бояд дарк намояд, ки масъулияти ҳифзи муҳити зист танҳо вазифаи давлат нест, балки вазифаи ҳар як инсони худогоҳ мебошад.

## Адабиётҳои истифодашуда:

1. Назаров, Ш. Экология ва ҳифзи муҳити зист. – Самарқанд: Маориф, 2019.
2. Раҳимов, А. Инсон ва табиат. – Самарқанд: Дониш, 2020.
3. Ҳасанова, М. Экология барои донишҷӯён. – Бухоро: Ирфон, 2021.
4. Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист". – Тошкент, 2011.
5. Amirqulov, A. (2023). HUQUQIY MADANIYATNI SHAKLLANTIRISHDA O 'RTA ASRLAR SHARQ MUTAFAKKIRLARI MA'NAVIY MEROSINING ROLI. Евразийский журнал академических исследований, 3(1 Part 3), 76-79.